# ХУЛОСАИ

**Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O35 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзӯи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

1. Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он диссертатсияи пешниҳодшуда хеле муҳим ва саривақтӣ буда, аҳаммияти калони таърихӣ-кишваршиносӣ дорад. Муаллиф дар рисолаи илмиаш вазъи ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рафти омӯзиш муаллиф доираи васеи сарчашмаҳо, хосатан маводи бойгониро истифода кардааст, ки арзиши илмии рисоларо афзудаанд. Дар баробари гуфтаҳои мазкур ин нуқтаро бояд таъкид намуд, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ кушидааст, ки дар баробари дастовардҳо сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию фарҳангии вилояти Хатлонро дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян намояд, ки мубрамияти мавзуъро дучанд мекунад.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо ба номи диссертатсия мувофиқат карда, паҳлӯҳои гуногуни мавзуъро баррасӣ ва кушода медиҳад. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаву натиҷагириҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавзӯи мазкур дар таърихнигории миллӣ падидаи нав мебошад, зеро доир ба таърихи фарҳанги вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ то имрӯз таҳқиқот сурат нагирифтааст. Дар рафти таҳқиқот унвонҷӯй аз маводи зиёди бойгонӣ ва сарчашмаҳо истифода кардааст, ки қисми бештарашон бори нахуст ба доираи илмӣ ворид карда шудаанд. Хулосаҳои унвонҷӯй Алишери Амирхон оид ба таҳқиқи мавзуъ илман асоснок мебошанд. Таърихи ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ва марҳалаҳои асосии рушди он, эҳёи соҳаҳои гуногуни фарҳанг дар диссертатсия инъикоси пурраи худро ёфтааст.

**2.** Диссертатсия ба талаботи Замимаи 2 Қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, аз 30 июни соли 2021, № 267, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ (1991-2016) буда, дорои мазмун ва муҳтавои ягона аст. Сохтори рисола ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Рисола дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад, ки аз рӯйи он КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шурои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, аз 2 марти соли 2022, таҳти рақами 84/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро додааст. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон увонҳои илмӣ дода мешаванд ва ба Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, таҳти № 5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Алишери Амирхон дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайяннамудаи КОА тартиб дода шудааст. Рӯйхати маводи бойгонӣ ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Алишери Амирхон маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

6. Рисолаи мазкур ба ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пурра мутобиқат мекунад.

7. Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад. Банди 60-и Замимаи 2-Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшударо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикстон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Абдуллоев Маҳмуд Холович, доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

- Бобохонов Маҳмадазим, номзади илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
**доктори илмҳои таърих** **Б.Т. Қобилова**

**Аъзоёни комиссия:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **М.Ҳ. Маликов**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **А.Қ. Ҳусайнов**

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**Аҳмади Дониши АМИТ** **Г. Файзуллоева**

31.08.2022.